# ХАДАМОТИ ИНТЕРНЕТ ВА АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ШАБАКАВӢ

Масъалаи амнияти иттилоотӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва доманадор ба ҳисоб рафта, самти мустақили технологияҳои иттилоотию иртиботиро ташкил медиҳад. Ҳифз кардани иттилоот ё амнияти онро таъмин намудан, донишҳои махсуси касбиро талаб мекунад. Илми махсусе, ки методҳои ҳифзкунии иттилоот ва амнияти иттилоотиро меомӯзад **криптография** ном дорад.

Амнияти иттилоотӣ ин мавҷудияти методҳои ҳифзи иттилоот ва воситаҳои таъмингари ягонагӣ, эътимоднокӣ, махфият ва дастрасӣ ба иттилоот дар шароити таҳдидҳои характери табиӣ ва сунъидошта мебошад. Самтҳои асосии амнияти иттилоотии компютерҳои корбаронро бандҳои зерин ташкил медиҳанд:

- чорабиниҳои ташкилӣ ва пешгирӣ (профилактика);
- истифодабарии барномаҳои зидивирусӣ;
- тарзҳои ҳифзи иттилоот аз мукотиботи номақбул;
- истифодабарии полойишгарони шабакавӣ.

***Чорабиниҳои ҳифзи иттилоот.*** Корбарони компютерҳо на ҳамеша имконияти дастрасӣ ба барномаҳои гаронарзиши ҳифзи иттилоотро доранд. Ҳатто одитарин барномаҳои низоми муайянкунии ҳамлаҳои эҳтимолии иттилоотӣ ё баръакс низоми муҳофизатии иттилоот тиҷоратианд. Новобаста ба ин истифодабаранда бояд махзани иттилоотии худро аз ҳар гуна ноҷуриҳо ҳифз карда тавонад. Барои амалӣ гардонидани ин мақсад ба корбарони компютерҳо тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- нусхаи парвандаҳоро бойгонисозӣ карда, онҳоро дар CD, флешкорт ва дигар воситаҳои нигаҳдории иттилоот захира намудан;
- бо ёрии барномаҳои зидивирусӣ санҷидани ҳама гуна воситаҳои нигоҳдории иттилоот ва парвандаҳои аз тариқи почтаи электронӣ дастрасшуда;

- барои гузаронидани корҳои профилактикӣ дар компютер, мунтазам истифода бурдани барномаҳо зидивирусӣ ва навсозии онҳо.